**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИСИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Нигматов Нӯмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ**

Комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раис Абдуқодиров А. – доктори илмҳои филология, профессор; аъзоён Нуров Н. – номзади илмҳои филология; Аъзамов С. – номзади илмҳои филология оид ба қабул намудани диссертатсияи Нигматов Нӯмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Рисола дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҳамин кафедра муҳокима карда шудааст (қарори №9 аз 29.04.2019).

Рисолаи номзадии Нигматов Нӯмонҷон Исломович ба таҳқиқи осори мансури ахлоқии асри XIV бахшида шудааст. Дар меҳвари таҳқиқ насри ахлоқии форсу тоҷик дар асри XIV қарор гирифтааст. Дар рисола масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқӣ, таҳаввулии насри ахлоқӣ дар адвори сабки насрӣ, сарчашмаи фикрии суханварон ва дигар паҳлӯҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди бахс қарор гирифтаанд.

**Ҳадафи асосии пажӯҳиши мазкур** омӯзиши хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV мебошад. Аз ҷумла, таҳқиқи масоили матншиносии осори ахлоқии асри XIV, омӯзиши хусусиятҳои поэтикии насри ахлоқии асри XIV, таҳқиқи таҳаввули насри ахлоқӣ дар адвори сабки наср, нусхашиносии осори мансури ахлоқии асри XIV,

баррасии хусусиятҳои умдаи адабии осори ахлоқии навишташуда дар асри XIV, муайян сохтани сарчашмаҳои фикрии нависандагон дар таълифи осори мансури ахлоқӣ дар асри XIV, шеваҳои истифодаи ашъор дар кутуби ахлоқӣ аз мақсадҳои асосии рисола маҳсуб мешавад.

Диссертатсияи Нигматов Нӯмонҷон Исломович аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, сездаҳ зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима зарурати омӯзиши мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, равиши таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, арзиши амалӣ ва назарии рисола нишон дода шудааст.

Боби аввали рисола **«Таърихи насри ахлоқӣ ва таҳаввули он дар давраҳои сабки наср»** унвон дошта, ба чаҳор фасл тақсимбандӣ шудааст. Дар фасли аввали боби мазкур, ки **«Пешинаи таърихии насри ахлоқӣ** (аз оғоз то аҳди Сомониён)» номгузорӣ шудааст, таърихи насри ахлоқӣ аз аҳди қадим то замони шаклгирии забони дарӣ баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки бахши умдаи осори паҳлавиро, ки дар онҳо масоили ахлоқӣ матраҳ аст, «андарзнома», «панднома», «тоҷнома», «худойнома» ва «оиннома»-ҳо ташкил додаанд. Китоби шашуми «Динкард», «Панднома»-и Бузургмеҳр, «Андарз»-и Ушнари Доно, «Химу хиради фаррухмард», «Панҷ хими рӯҳониён», «Доруи хурсандӣ», «Андарз»-и доноён ба маздопарастон, «Андарз»-и Хусрави Каводон, «Чидаандарз»-и парюткешон, «Андарз»-и Беҳзодфаррухи Пирӯз, «Андарз»-и дастурон ба беҳдиион ва ғ. аз ҷумлаи муҳимтарин осор қаламдод гардидаанд.

Фасли дувуми боби аввал **«Насри ахлоқӣ дар замони сабки хуросонӣ»** унвон гирифтааст. Дар ин фасл он осори насри ахлоқӣ, ки дар аҳди сабки хуросонӣ ба қалам омадаанд, муаррифӣ гардидаанд. Ба ин сабаб, мавзӯи мазкур дар се бахш ба баррасӣ кашида шудааст:

1. *Насри ахлоқӣ дар тафсирҳо.* Дар ин бахш насри ахлоқӣ дар муҳимтарин тафсирҳо, чун «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», «Тафсири Кембриҷ» ва «Тафсири Қуръони пок», ки ҳама бо сабки хуросонӣ ба қалам омадаанд, баррасӣ ёфтаанд.

2. *Насри ахлоқӣ дар таърихномаҳо.* Дар матни таърихномаҳо зимни қиссаву достон, суханони ҳикматомези подшоҳон ва гуфторҳои вазирон матлабҳои ахлоқӣ баён гардидаанд. Бахусус дар «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», ки куҳантарин асари таърихии забони форсист.

3. *Насри ахлоқӣ дар осори ирфонӣ ва каломӣ.* Дар бахши мазкур «Нур-ул-улум»-и Абулҳасани Харақонӣ, «Шарҳ-ут-Тааруф лимазҳаб-ит-тасаввуф»-и Исмоил Мустамиллии Бухорӣ, «Савод-ул-аъзам»-и Ҳаким Самарқандӣ, «Пандномa»-и Имом Мотуридии Самарқандӣ ва «Пандномa»-и мансуб ба Ибни Сино баррасӣ гардидаанд.

Фасли сеюми боби аввал **«Насри ахлоқӣ дар даврони сабки байнобайн»** унвонгузорӣ шудааст. Диссертант дар фасли мазкур муҳимтарин осори ахлоқие, ки бо сабки насри байнобайн навишта шудаанд, ба баррасӣ кашидааст. Таъкид гардида, ки «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Насиҳат-ул-мулук»-и Абӯҳомиди Ғаззолӣ, «Такмилат-ул-латоиф»-и Абдулазизи Ҷисрӣ, «Қасас-ул-анбиё»-и Исҳоқи Нишопурӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, «Кашф-ул-асрор»-и Абулфазли Майбудӣ, «Тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-и Абӯалии Усмонӣ, «Тарҷумаи «Эҳёу улум-ид-дин»-и Муайядуддини Хоразмӣ, осори Носири Хусрав ва ғ. дар тарвиҷ ва рушди насри ахлоқӣ дар ин аҳд нақши муҳим бозидаанд.

«**Насри ахлоқӣ дар давраи сабки насри фаннӣ**» унвони фасли чаҳоруми ин боб мебошад. Дар ин фасл муҳимтарин мероси мансури ахлоқӣ, ки бо насри фаннӣ ба қалам омадаанд, муаррифӣ гардидаанд.

Боби дуюми рисола **«Нусхашиносӣ ва сабки таълифи насри ахлоқии асри XIV»** унвон дошта, ба се фасл тақсимбандӣ гардидааст. Фасли аввал таҳти унвони **«Осори хосаи ахлоқӣ дар асри XIV»** дар муаррифӣ ва баррасии осори хосаи ахлоқӣ ба қалам омадааст. «Нигористон»-и Муинуддини Ҷувайнӣ, «Туҳфа»-и Шарафуддини Қазвинӣ, «Хористон»-и Маҷди Хофӣ, «Одоб-ус-суфра»-и Алоуддавлаи Симнонӣ, «Ахлоқ-ул-

ашроф» ва «Сад панд»-и Убайди Зоконӣ аз ҷумлаи муҳимтарин осори хосаи ахлоқӣ муаррифӣ гардидааст.

Фасли дувуми ин боб **«Мероси ахлоқӣ-ирфонӣ дар асри XIV»** унвон гирифтааст. Маъруфтарин осори ирфонӣ-ахлоқӣ дар ин фасл ба баррасӣ кашида шуда, сабки таълиф ва нусхашиносии онҳо ба риштаи баҳс кашида шудааст.

Фасли сеюми боби дуюми рисола «**Футувватномаҳо ҳамчун манобеи насри ахлоқӣ**» унвон гирифтааст. Дар ин фасл муҳимтарин футувватномаҳои асри XIV – «Китоб-ул-футувват»-и Наҷмуддини Зоҳирӣ, «Туҳфат-ул-ихвон фӣ хасоис-ил-фитён»-и Абдурраззоқи Кошонӣ, «Рисолаи футувватия»-и Омулӣ, «Рисолаи футувватия»-и Ҳамадонӣ, «Футувватнома»-и маҷҳулулмуаллиф муаррифӣ гардида, тавсияҳои ахлоқии ин гурӯҳи осор бори аввал ба муомилоти илмӣ кашида шудааст.

Боби сеюми рисола «**Баррасии хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV**» ном дошта, аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали боби мазкур – **«Нақду таҳлили осори ахлоқии асри XIV аз нигоҳи матншиносӣ»** хусусиятҳои матншиносии осори ахлоқии асри XIV таҳқиқ ёфтаанд. Дар ин фасл муҳимтарин омилҳои иштибоҳоти мутуни интишоршуда, чун «Камтаваҷҷуҳӣ ба шакли навишт ва нуқтагузории ҳуруф», «Ғалатхонии ному нисбаҳо», «Ғалатхонии ҳаракати калимаҳо«, «Ғалат хондани матлабҳои арабӣ», «Иштибоҳ дар амсолу ҳикам ва дигар матлабҳои арабӣ», «Афтодагиҳои матн» таҳқиқ ва баррасӣ шудааст.

Фасли дуюми боби сеюм **«Санъатҳои бадеӣ дар насри ахлоқии асри XIV»** ном дорад. Дар ин мабҳас муҳимтарин санъатҳои лафзиву маънавӣ, ки дар осори ахлоқии асри XIV корбурд ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли сеюми ин боб таҳти унвони **«Корбурди ашъор дар насри ахлоқии асри XIV»** мавзӯи истифодаи ашъор ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Мавзӯи истифодаи ашъорро муаллифи диссертатсия дар се бахши умда ба баррасӣ кашидааст:

1. Истифода аз ашъори шуарои пешин
2. Истишҳод ба ашъори худ
3. Бахрабарӣ аз ашъори арабӣ

Фасли чаҳоруми боби сеюми диссертатсия «**Маъхазшиносии осори ахлоқии асри XIV**» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл сарчашмаҳои фикрии нависандагони асри XIV дар таълифи осори ахлоқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия таъкид медорад, ки маъхазшиносии осори ахлоқии асри XIV ошкор месозад, ки муаллифон бештар аз ду навъ манобеъ баҳра бурдаанд:

1. Сарчашмаҳои адабӣ.
2. Сарчашмаҳои ирфонӣ.

Дар хулосаи диссертатсия қайд гардидааст, ки баррасии масъалаҳои таҳаввули насри ахлоқӣ дар давраҳои муҳими сабки насрӣ – хуросонӣ, байнобайн ва фаннӣ, ташаккули насри ахлоқӣ дар асри XIV, корбурди санъатҳои лафзиву маънавӣ, маъхазшиносӣ, истифодаи ашъор, таҳқиқи мавзӯии осори ахлоқии асри XIV, сабки таълиф ва нусхашиносӣ асноди зиёди илмиро роҷеъ ба матншиносӣ ва поэтикаи насри ахлоқии асри XIV пешорӯи муҳаққиқон қарор медиҳад.

Таҷдиди назар намудан ба феҳристи адабиёт ва дар баъзе са□ифа□ои диссертатсия и□тибос нисбатан зиёд оварда шудааст, ки мухтасар кардани он мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Мубрамии таҳқиқ, навоварии илмӣ, дараҷаи омӯзиши масъала, аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Нигматов Нӯмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» тадқиқоти баитмомрасидаи комил буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи доктори фалсафа (PhD) докторант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсияи илмӣ мебошанд.

Кори диссертатсионии Нигматов Нӯмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ мувофиқ буда, муқарризи расмии он иваз карда шуда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис адабиётшиносони зеринро ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Муқарризи расмии аввал** – доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии Академияи илм□ои Ҷум□урии То□икистон Сӯфиев Шодимаҳмад Зикриёевич.

2. **Муқарризи расмии дуюм** – номзади илмҳои филология, дотсент, муовини директори филиали "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд" Рустамов Шавкат.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Раиси комиссияи ташхиси шӯрои дифоъ:**
**доктори илмҳои**
**филологӣ, профессор** **Абдуқодиров А.**
**Аъзои комиссияи ташхиси шӯрои дифоъ:**
**номзади илмҳои филологӣ** **Нуров Н.**
**номзади илмҳои филологӣ** **Аъзамов С.**
**Имзоҳои ҳайати комиссияи ташхисро тасдиқ мекунам:**
**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 033**
**номзади илмҳои**
**филологӣ, дотсент** **Шарипова М.З.**
13.10.2019